Оби баҳр пок аст (барои вузӯ гирифтан), (ҳайвони) мурдаи он ҳалол аст

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Марде аз Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид: Эй Расулуллоҳ, мо ба баҳр сафар мекунем ва ҳамроҳи худ оби каме мегирем, агар бо он об вузӯ бигирем, ташна мемонем, оё метавонем бо оби баҳр вузӯ бигирем? Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Оби баҳр пок аст (барои вузӯ гирифтан), (ҳайвони) мурдаи он ҳалол аст."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي وابن ماجه وأحمد]

Марде аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид, ки мо дар баҳр бо киштиҳо барои шикор ё тиҷорат ва дигар корҳо сафар мекунем ва бо худ каме оби нӯшиданӣ мебарем. Агар он обро барои вузӯ ва ғусл истеъмол кунем, тамом мешавад ва бароямон оби нӯшидани намемонад. Оё барои мо ҷоиз аст, ки бо оби баҳр вузӯ бигирем? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: оби баҳр пок ва поккунанда аст, вузӯ ва ғусл кардан бо он ҷоиз аст. Инчунин хӯрдани он чи аз он берун меояд, монанди моҳӣ, наҳанг ва ғайра ҷоиз аст, ҳатто агар онҳо мурда дар болои об ва бе шикори одамӣ бошад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/8355